«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
ректори МДТ-и
«Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик
Б.Ғафуров» профессор
Усмонзода Аюб Ислом
________________
«__» ________ 2023

# ХУЛОСАИ
# МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»

Диссертатсияи Исомадинова Фарзонахон Маҳмудҷоновна таҳти унвони «Таъсири технологияҳои иттилоотӣ ба арзишҳои ахлоқӣ: таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ дар кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба анҷом расидааст.

**Исомадинова Фарзонахон Маҳмудҷоновна** соли 2010 факултети кибернетикаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро аз руи ихтисоси муҳандис –иқтисодчӣ бо дипломи аъло хатм намуд.

Аз соли 2018-ум дар кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа ба сифати омӯзгор кор карда, ҳамзамон ба ҳайси унвонҷӯ ба фаъолияти илмӣ машғул аст.

**Роҳбари илмӣ:** Маҳмадизода Нозим Давлатмурод – доктори илми фалсафа, профессор, декани факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Мавзӯи диссертатсия дар Шӯрои олимони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» санаи 27.09.2018, карори № 2 тасдиқ карда шудааст.

**Баходиҳӣ ба иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи унвонҷӯ Исомадинова Фарзонахон Маҳмудҷоновна дар мавзуи «Таъсири технологияҳои иттилоотӣ ба арзишҳои ахлоқӣ: таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ» дар шароити муосир мавзуи рӯзмарра буда, бо забони хуби илмӣ навишта шудааст ва таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

**Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ** муайян намудани таъсири технологияҳои иттилоотӣ, шаклҳои истифодаи ғаразноки технологияҳои иртиботӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ баҳри ноором кардани суботи ҷомеа дар тоҷикистон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Таҳия, коркард ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқикоти диссертатсионӣ маҳсули чандинсолаи фаъолияти илмии муаллиф мебошад. Ҳамаи давраи иҷроиши нақшаи кории илмӣ–таҳқиқотии пешбинишуда бо иштирок ва пешниҳоди бевоситаи муаллиф роҳандозӣ карда шудаанд. Саҳми шахсии муаллиф дар баррасии бевоситаи масъалаи Таҳқиқоти ахлоқи иттилоотӣ ва компютерӣ, ки инсоният аз асири табиат ба ҳокитми табиат табдил ёфт, ки воситаҳо ва абзорҳои технологиро барои тарҳрезӣ ва идоракунии воқеиятҳои тамоман нав ва мутобиқ кардани онҳо ба манфиати худаш ба кор мебарад.

Нерӯҳо ва қобилиятҳои аслии инсон — ақли назарӣ ва амалии ӯ ба ӯ имкон медиханд, ки монеаҳои байни падидаҳои табиӣ ва сунъиро бартараф намояд. Бори аввал дар таърих инсоният акнун метавонад қариб ҳамаи ҷанбаҳои муҳити берунаашро эҷод ва назорат кунад.

Аз нуқтаи назари ахлоқи иттилоотӣ, олами маҷозии маълумот, иттилоот, дониш ва иртибот, ки тавассути ТИИ имконпазир шудааст, ҷанбаи экологии онро ҳамчун муҳити нав, инфосфера ба вуҷуд меорад. Инфосфера фазои ҷуғрофӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ё забонӣ набуда, балки фазои семантикии таълим, илм, фарҳанг ва муоширати ва муҳити глобалие аст,

ки аз ҷиҳати моҳияташ ғайримоддӣ аст. Дар байни мушкилоти ахлоқӣ, ки инфосфера ба миён меорад, нигоҳдорӣ, паҳнкунӣ, назорати сифат ва паҳнкунии озодонаи иттилоот, ахлоқи ТИИ (масалан, эҳтиром ба махфият ва моликият), густариши дастрасии умумӣ; дастгирии техникӣ барои таъсиси фазои нави рақамӣ, мубодилаи иттилоот, баланд бардоштани маърифати ҷомеа; эҳтиром ба гуногунрангӣ ва гуногунандешӣ, барҳам додани нобаробарӣ дар дастрасӣ ба иттилооти рақамӣ мавқеи хосса доранд. Мавҷуд будани зарурат ҷиҳати омӯзиши ин мушкилот, муайян кардани арзишҳои моддӣ ва маънавии онҳо аз аҳамияти рисолаи мазкур шаҳодат медиҳад.

Таҳқиқ ва баррасии рушди технологияи иттилоотӣ дар Тоҷикистон дар марҳилае қарор дорад, ки намудҳои гуногуни василаҳои технологӣ ва дастгоҳҳои компютерӣ ба аксари ҷанбаҳои ҳаёти шахсӣ ва иҷтимоӣ ворид мешаванд. Аммо таъсир ва оқибатҳои ахлоқӣ ва иҷтимоии истифода аз ин технологияҳо ҳанӯз ба таври фаъол ва амиқ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Мутаасифона, то имрӯз муҳаққиқони соҳаи илмҳои иҷтимоӣ, хусусан файласуфон дар таҳқиқи масъалаи ахлоқи иттилотӣ-компютерӣ таваҷҷуҳи зарурӣ надода, корҳои мушаххасро ба анҷом нарасонидаанд. Ҳолатҳои дар боло зикршуда аҳамияти омӯзиши мушкилоти ахлоқи иттилоотӣ- компютерӣ ва роҳҳои бартараф кардани таъсири манфии муҳити иттилоотиро нишон медиҳанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии тадқиқот** дар он ифода меёбад, ки омӯзиши масъалаҳое, ки дар диссертатсия матраҳ шудаанд, барои ташаккул ёфтани маърифат ва идроки арзишҳои ҷомеаи умумиҷаҳонӣ ва ҷомеаи Тоҷикистон мусоидат мекунад. Таҳлили консептуалии ҷанбаҳои ахлоқии истифодаи бехатар аз технологияҳои иттилоотӣ метавонад ҳангоми таҳияи барномаҳои татбиқи сиёсати давлатӣ дар бораи амнияти технологияи иттилоотӣ ва ахлоқи иттилоотӣ истифода шавад. Натиҷаҳои тадқиқот ҳамчун саҳми назариявӣ дар корбаст ва таҳлили мушкилоти амнияти иттилоотӣ маҳсуб ёфта

метавонад. Натиҷаҳои тадқиқот, инчунин тасаввуротро дар бораи муҳтавои падидаи амнияти иттилоотӣ тавсиа дода, ақидаҳои илмиро дар бораи иқтидори арзишии ҷомеаи ташаккулёбанда мушаххас мекунанд ва барои дарки амиқтари асосҳои дигаргунсозии иҷтимоию фарҳангии ҷомеаи муосир ва дурнамоҳои рушди он мусоидат мекунанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои тадқиқот, инчунин тасаввуротро дар бораи муҳтавои падидаи амнияти иттилоотӣ тавсиа дода, ақидаҳои илмиро дар бораи иқтидори арзишии ҷомеаи ташаккулёбанда мушаххас мекунанд ва барои дарки амиқтари асосҳои дигаргунсозии иҷтимоию фарҳангии ҷомеаи муосир ва дурнамоҳои рушди он мусоидат мекунанд. Андешаҳо ва хулосаҳое, ки дар кори таҳқиқотӣ вуҷуд доранд, барои таҳқиқоти минбаъдаи ин масъала дар фалсафаи иҷтимоӣ замина гузоранд. Маводи диссертатсияро дар курсҳои лексионии фалсафаи иҷтимоӣ, ахлоқ, фалсафаи илм ва техника, информатикаи иҷтимоӣ, консепсияҳои табиатшиносии муосир, инчунин дар курсҳо оид ба фалсафаи бехатарӣ ва рушди устувори ҷомеа истифода бурдан мумкин аст.

**Асоси методологии таҳқиқотро** усулҳои низомнокӣ, диалектикӣ тавсифӣ, иҷтимоӣ-фалсафӣ, муқоисавӣ ва ахлоқӣ ташкил медиҳанд. Усули диалектикӣ барои муайян кардани номутобиқатии дилеммаҳои ахлоқӣ, таҳлили шаклҳои танзими ахлоқ дар шароити технологияи иттилоотӣ, усули низомнокӣ дар таҳлили ахлоқи иттилоотӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ, усули муқоисавӣ ҳангоми таҳлили арзишҳои ахлоқии ҷомеаи Тоҷикистон бо арзишҳои ахлоқии умумибашарӣ истифода шудаанд. Усули муқоисавӣ ҳамчунин барои муайян намудани заминаҳо ва нақши аксиологии ҷомеаи иттилоотӣ дар таносуб бо ахлоқи иҷтимоӣ ба кор меравад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар нуктаҳои зерин ифода меёбад:

- дар доираи фазои илмӣ-таҳқиқотии Тоҷикистон фалсафаи ахлоқи иттилотӣ-компютерӣ ба таври муназзам ва мушаххас бори нахуст

мавриди таҳлил қарор мегирад, ки дар раванди он заминаҳои назариявӣ, сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ахлоқи иттилоотӣ мукаррар гардиданд;

- аҳамияти ахлоқи иттилоотӣ барои боздошти таъсири манфии истифода аз технологияи иттилоотӣ, хатарҳо ва таҳдидҳои дар низоми иттилоотӣ тавлидшуда асоснок карда мешавад;

- дар мисоли муҳити иттилоотии Тоҷикистон асоснок карда мешавад, ки амнияти иттилоотии шахс ҳамчун шаҳрванди он аз нуктаи назари башардӯстона баррасӣ шуда, барои фаҳмиш, таҳқиқ ва таъмини ин башардӯстӣ зарур аст, ки мувозинати манфиатҳои иттилоотии шахс, аз як тараф ва манфиатҳои иттилоотии давлат ва ҷомеа, аз тарафи дигар, ба мувофиқат ва мувозинат оварда шаванд;

- нахустин маротиба консепсияи фалсафӣ-иҷтимоии таҳаввулоти робитаҳо ва муносибатҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ дар давлат ва ҷомеаи Тоҷикситон ва таъсири он ба ахлоқи шаҳрвандони он, ки бар пояи он таҳаввулоти арзишҳои инсонӣ дар муҳити иттилоотии Тоҷикистон сурат мегиранд, мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтааст.

**Мухтавои мавзӯи диссертатсия дар мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои такризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд, инъикос ёфтааст**:

1. Исомадинова Ф. М. "Ахлоқи иттилоотӣ ва накши он дар таъмини амнияти иттилоотӣ". Маҷмӯаи маколахо бахшида ба 30 солагии Иҷлосияи 16 Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 90 солагии МДТ «ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров» доир ба мавзӯи «Пешвои миллат ва таҳаввули фалсафаи миллӣ дар замони муосир». –Хуҷанд, 2022. –С 14–16

2. Маҳмадизода Н.Д, Исомадинова Ф. М "Ахлоқи иттилоотӣ ва нақши он дар таъмини амнияти иттилоотӣ" Ахбороти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Душанбе 2022 Ахбори №4 С.46–54

3. Исомадинова Ф. М. "Баъзе масъалаҳои актуалии таҳсилоти фосилавӣ дар низоми фалсафаи таҳсилот" Масъалаҳои мубрами таълим дар замони муосир. Маводи конфронсияи таълими –

методии Ҷумҳуриявӣ бахшида ба соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ(27-28-уми ноябр ) Хуҷанд.- 2018. Нури маърифат – С.327–330

4. Исомадинова Ф. М. ”Масъалаи моҳияти ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир” Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Душанбе 2022–Ахбори №4 С 112–117

5. Исомадинова Ф. М. ”Некоторие вопросы организации дистанционного обучения студентов в новых социальных экономических условиях таджикистана ”Маводҳои конфронсияи илмӣ-амалии умумидонишгоҳӣ “Масъалаҳои рушди илми психология дар даврони соҳибистиқлолии Ҷ.Тоҷикистон ”. – Хуҷанд, 2018. –С. 442-446

6. Исомадинова Ф. М. “Тавзеҳ ва таснифи мазмун ва моҳияти ҷомеаи иттилоотӣ дар консексияҳои муосири илмӣ” // Ахбороти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Душанбе 2022– Гузориши №2 С 180–188

7. Исомадинова Ф. М. «Феномен информационной этики: историко-социальные предпосылки ее возникновения и становления» Ахбороти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Душанбе 2022 Ахбори №3– С 14–19

Автореферат ва маколањои нашрнамудаи муаллиф моњияти диссертатсияро фаро гирифта, ба он њамоњанг карда шудаанд.

Дар маҷмуъ, мазмуну мундариҷаи таҳқиқот, маводи дар диссертатсияи истифода шуда, ҷанбаҳои назариявию методологии диссертатсия ба ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ мувофикат менамояд. Диссертатсия аз рӯи натиҷаи назариявӣ ва хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон чавобгӯ арзёбӣ мегардад. Аз натиҷаҳои муҳокима,

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Рисолаи илмии **Исомадинова Фарзонахон Маҳмудҷоновна** дар мавзӯи «**Таъсири технологияҳои иттилоотӣ ба арзишҳои ахлоқӣ: таҳлили**

**иҷтимоӣ - фалсафӣ»**, таҳқиқоти илмӣ-соҳавӣ ва ба талаботи пешбинигардидаи соҳиб шудан ба дараҷаҳои илми ва додани унвонҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Рисолаи илмии **Исомадинова Фарзонахон Маҳмудҷоновна** дар мавзуи «**Таъсири технологияҳои иттилоотӣ ба арзишҳои ахлоқӣ: таҳлили иҷтимоӣ - фалсафӣ**» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз руйи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ барои гузаштани даври дуюми экспертизаи муассиса тавсия карда мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Бобоҷон Ғафуров (Протоколи № 7 аз 26 январи соли 2023) қабул гардидааст.

Раиси Шурои олимон,
д.и.т., профессор: Усмонзода А. И.

Котиби Шуро, дотсент: Ҳасанова М.И.

Муқақаризи холис:
номзади илмҳои фалсафа Ҳотамова М. Ғ.

Муқақаризи холис:
номзади илмҳои фалсафа Сатторзода С.Н.

«Тасдиқ мекунам»:
Сардори раёсати кадр ва корҳои
махсуси МДТ-и «ДДХ ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров» Наврӯзов Э.М.